**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ (1920–2000)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D020300 Таърих, (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) пешниҳод шудааст.**

Аз маълумотҳои автореферат бармеояд, ки диссертатсияи мазкур ба масъалаи мубрами илмӣ ва дорои аҳамияти назаррас бахшида шуда, ба омӯзиши саҳми муҳаққиқони рус дар рушди донишҳои этнографӣ ва антропологӣ оид ба аҳолии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 бахшида шудааст. Интихоби мавзӯъ ба зарурати ҷамъбаст, низомноккунӣ ва бознигарии илмии маводи фаровоне вобаста мебошад, ки аз ҷониби таърихшиносон, этнографҳо, антропологҳо ва дигар мутахассисони рус дар ҷараёни экспедитсияҳои илмӣ ва фаъолияти пажӯҳишӣ дар қаламрави Тоҷикистон ҷамъоварӣ ва таҳия гардидаанд.

Мубрамияти мавзӯи мавриди таҳқиқот ҳамчунин дар он зоҳир мегардад, таҳқиқотҳои саҳроӣ ва осори гаронбаҳои илмии муҳаққиқони рус, дар худ маълумоти арзишмандро оид ба фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикон, хоҷагидории анъанавӣ, ҳунарҳои мардумӣ, либоси миллӣ, муносибатҳои оилавию маишӣ, расму оинҳо ва хусусиятҳои антропологии аҳолии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро дар бар мегирад. Низомноккунӣ, таҳлил ва арзёбии илмии ин мерос барои рушди минбаъдаи илми таърихнигорӣ, этнография ва антропологияи ватанӣ аҳамияти муҳим дорад.

Яке аз ҷиҳатҳои мусбати таҳқиқот кӯшиши муаллиф барои баррасӣ гардонидани мероси илмии муҳаққиқони рус на танҳо аз нуқтаи назари мазмуни маълумоти алоҳидаи этнографӣ ва антропологӣ, балки дар заминаи рушди тасаввуроти илмӣ оид ба аҳолии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ мебошад. Дар автореферат мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ, навоварии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври мушаххас муайян гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки муаллиф самтҳои асосии таҳқиқоти муҳаққиқони рус, аз ҷумла омӯзиши фарҳанги моддии аҳолии Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг, Рашт, Ҳисор, Дарвоз ва дигар минтақаҳоро муайян ва таҳлил намудааст. Мурочиат ба мероси илмии Р.Л. Немонова, А.К. Писарчик,

А.З. Широкова, В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, Т.П. Кияткина, Н.А. Кисляков ва дигар муҳаққиқон низ қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Таҳлили маводи экспедитсияҳои этнографии асри XX аҳамияти махсуси илмӣ дорад, зеро маводи саҳроии ин давра барои бозсозии хусусиятҳои хоҷагидорӣ, тарзи зиндагӣ, фарҳанги моддӣ ва анъанаҳои аҳолии минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад. Ба гардиши илмӣ ворид намудани чунин мавод барои дарки амиқтари раванди ташаккул ва рушди таҳқиқоти этнографии Тоҷикистон дар давраи шӯравӣ мусоидат мекунад.

Кӯшиши муаллиф ҷиҳати муайян намудани саҳми антропологҳои рус дар омӯзиши таркиби антропологӣ ва масъалаҳои этногенези аҳолии тоҷик низ арзандаи баҳои мусбат мебошад. Истифодаи методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, таърихӣ-мантиқӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотӣ ба муаллиф имкон додааст, ки осори мавриди омӯзишро дар низоми муайян баррасӣ намуда, самтҳои асосии рушди тасаввуроти илмиро пайгирӣ намояд.

Навоварии илмии таҳқиқот, тибқи автореферат, дар кӯшиши таҳлили ҳамаҷонибаи таърихнигории саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи аҳолии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 ифода меёбад. Аз ҷумла, низомнок намудани маълумот оид ба экспедитсияҳои илмӣ, муҳаққиқони алоҳида ва самтҳои фаъолияти онҳо аҳамияти муайяни илмӣ дорад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбати зикршуда дар автореферат баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлои ба назар мерасанд, ки онҳо муҳтавои илмии авторефератро паст намекунанд.

Дар маҷмӯъ, автореферат аз анҷом додани кори назарраси таҳқиқотӣ аз ҷониби муаллиф, омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ ва сарчашмаҳо, инчунин кӯшиши низомнок намудан ва ҷамъбаст кардани мероси илмии муҳаққиқони рус дар соҳаи этнография ва антропологияи аҳолии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти мазкур дорои навоварии муайяни илмӣ, аҳамияти таърихнигорӣ ва амалист. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои таърихнигорӣ, этнография, антропология ва таърихи этникии халқи тоҷик, инчунин ҳангоми таҳияи курсҳои таълимӣ, корҳои монографӣ ва асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи Тоҷикистон истифода шаванд.

Автореферати диссертатсияи Шамсияи Тоирхон дар мавзӯи «Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи

Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ (1920–2000)» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
**Мудири кафедраи фарҳангшиносӣ ва мардумшиносии**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**номзади илмҳои таърих, дотсент Баротов М.Ю.**

**Имзои н.и.т., дотсент Баротов М.Ю.**
**«тасдиқ мекунам»**
**Сардори ШК ва КМ**
**Донигоҳи давлатии Бохтар**
**ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.**
31.08.2026.